***УДК 327***
***ББК 66.4(0).613***

# ТАЪРИХНИГОРИИ МУНОСИБАТҲОИ МУТАҚОБИЛАИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БО САҲА

***Солихоҷаева Саидахон Анвархоҷаевна,***
*унвонҷӯи кафедраи муносибатҳои байналхалқии ДДҲБСТ (Тоҷикистон, Хуҷанд)*

# ИСТОРИОГРАФИЯ ВЗАИМООТНОШЕНИЙ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН С ОБСЕ

***Солиходжаева Саидахон Анвarходжаевна,***
*соискатель кафедры международных отношений ТГУПБП (Таджикистан, Худжанд)*

# HISTORIOGRAPHY OF MUTUAL RELATIONS BETWEEN TAJIKISTAN REPUBLIC AND OSCE

***Solikhodjayeva Saidakhon Anvarkhodjayevna,***
*claimant for candidate degree of the department of international relations under the TSULBP (Tajikistan, Khujand)*
***E-MAIL:*** *saidakhon_89@mail.ru*

***Калидвожаҳо:*** *Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, сиёсати хориҷӣ, ҳамкорӣ, форум, ҷумҳурӣ, истиқлолият, созмонҳои байналхалқӣ, дипломатия*

*Дар мақола таърихи ташаккул ва рушди намояндагии Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар Тоҷикистон инъикос карда шудааст. Муаллиф таърихнигории ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро мавриди омӯзиш қарор додааст. Таҳқиқоти муҳаққиқони тоҷик бахшида ба ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА таҳлил шудаанд. Қайд мегардад, ки дар ибтидо масъалаи дурнамои ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо ба ҳайси вазифаи ҷудогонаи илмӣ дар асарҳои муҳаққиқони ватанӣ ҷудо карда намешуд ва танҳо дар иртибот бо масъалаҳои алоҳидаи геополитикӣ баррасӣ мегардид. Муаллиф ба натиҷа расидааст, ки асарҳои дар даҳаи аввали асриXXI бахшида ба таърихи ҳамкории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо нашр шуда ба таърихнигории ин масъала огоз гузоштаанд.*

***Ключевые слова****: Организация по безопасности и сотрудничеству в Европе, внешняя политика, сотрудничество, Форум, республика, независимость, международные организации, дипломатия*

*Отражена история формирования и становления Организации по безопасности и сотрудничеству в Европе. Освещается историография сотрудничества РТ с ОБСЕ. Анализируются труды таджикских ученых, посвященные исследованию сотрудничества Республики Таджикистан с этой международной организацией. Отмечено, что первоначально вопрос о перспективах сотрудничества Республики Таджикистан с Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе как самостоятельная научная задача в работах отечественных исследователей не выделялся, а рассматривался в контексте отдельных проблем геополитики. В заключении автором делается вывод, что литература, опубликованная в первое десятилетие XXI века, положила*

*начало историографии сотрудничества Республики Таджикистан с Организацией по безопасности и сотрудничеству в Европе.*

***Key words:*** *Organization on Security and Cooperation of Europe, foreign policy, cooperation, Forum, republic, independence, international organization, diplomacy*

*The article reflects the history of the Organization on Security and Cooperation of Europe, the process of its development and formation. The historiography of cooperation between TR and OSCE is highlighted. The author analyzes the works of the Tajik scientists dwelling on Tajikistan Republic cooperation with this international organization. It is underscored that initially the issue on the prospects of Tajikistan Republic cooperation – with OSCE as a self-sufficient scientific-explorative goal wasn`t singled out being considered in the context of separate problems of geopolitics. The author makes a conclusion that the literature published in the first decade of the XXI-st century laid an inception to the historiography of the cooperation between Tajikistan and OSCE in Europe.*

Дар солҳои соҳибистиқлолии худ Ҷумҳурии Тоҷикистон бо давлатҳои зиёди хориҷӣ ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ равобити мутақобилан судмандро ба роҳ мондааст, ки яке аз онҳо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо мебошад. Аммо то ба имрӯз омӯзиши масъалаи мазкур аз ҷониби олимони сохаи таъриху сиёсатшиносӣ мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор нагирифтааст. Зеро барқарор намудани алоқаҳои мустаҳкам ва рушди ҳамкорӣ бо сохторҳои мухталифи амниятии байналхалқӣ, аз ҷумла бо САҲА яке аз принсипҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон ба шумор меравад ва аз ин рӯ омӯзиши мавзӯи мазкур дорои аҳамияти калони илмист. [1, с.14]

Кобили зикр аст, ки созмони мазкур на танҳо дар таҳкими амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, балки дар кишварҳои Осиёи Марказӣ низ яке аз сохторҳои калидӣ ба шумор меравад. Ин созмон фаъолияти худро ҳанӯз дар замони «ҷанги сард» дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта, бо мақсади ба роҳ мондани муколама миёни блокҳои ба ҳам мухолиф оғоз намуда буд.

Бояд хотирнишон сохт, ки пас аз ба расмият шинохтани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби кишварҳои Аврупо, моҳи феврали соли 1992 он ба узвияти САҲА пазируфта шуд. Ин ҳол ба ҷумҳурии мо имкон дод, ки истифодаи таҷрибаи кишварҳои узви онро барои гузаштан ба ҷомеаи демократӣ дар сатҳи зарурӣ истифода намояд. Аз ҷониби дигар ҷумҳурии мо барои таъмини амният дар сатҳи миллию минтақавӣ ва бунёди ҷомеаи шаҳрвандӣ ба пуштибонии ин созмони бонуфузи байналмилалӣ низ ниёз дошт. Бо ин мақсад дар аввалҳои соли 1993 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз САҲА даъват ба амал овард, ки намояндагии худро бо мақсади дастгирӣ ва мусоидат ба раванди демократикунонии ҳаёти ҷомеа ва инчунин мутобиқсозии ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон дар қонунгузории кишвар ба меъёрҳои ин созмон, дар кишвари мо боз намояд. Ин пешниҳод аз ҷониби САҲА пазируфта шуда ва дар ҷаласаи чоруми Шӯрои он дар Рим 1-уми декабри соли 1993оид ба кушодани Намояндагии САҲА дар Тоҷикистон қарор қабул намуд ва он 19 феврали соли 1994 дар шаҳри Душанбе ба кори худ шуруъ кард. Дертар панҷ дафтари сахроии САҲА дар шаҳрҳои Хуҷанд, Кӯлоб, Қурғонтеппа, шаҳраки Ғарм ва

ноҳияи Шаҳритус ба кор оғоз намуданд, ки вазифаи онҳо мусоидат ба иҷрои қарордоди сулҳи байни тоҷикон ва ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандии гурезагон буд. Минбаъд фаъолияти ин дафтарҳо дар доираи мандати нави Бюрои САҲА мавриди танзим қарор гирифтанд. [2, с.150-151].

Бояд ёдовар шуд, ки пас аз имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» миёни ҳукумати мамлакат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик дар моҳи июни соли 1997 САҲА ба сифати яке аз кафилони татбиқи он нақши калидӣ бозид. Дар ин самт САҲА ба татбиқи протоколҳое, ки ба масъалаҳои сиёсиву ҳарбӣ ва инчунин ҳуқуқи гурезагон дахл доштанд, мусоидат намуд.

Бояд гуфт, ки дар таҳкими ҳамкориҳои минбаъдаиТоҷикистон бо САҲА саммити он дар Истанбул, ки моҳи ноябри соли 1999 баргузор гардида буд такони ҷиддӣ бахшид. Дар кори ин саммит Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон иштирок ва роҷеъ ба масоили марбут ба стратегияи САҲА дар Осиёи Марказӣ дар соҳаи ҳамкориҳои амнияти минтақавӣ суханронӣ намуд. Мавсуф ба принсипи таъмини амнияти умумӣ дар асоси ҳамкории кишварҳои аъзои САҲА, аз ҷумла давлатҳои Осиёи Марказӣ дахл намуда, иброз дошт, ки ин ҳамкориҳои мутақобила бояд ҷанбаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, амниятӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва таъмини ҳуқуқи инсонро фарогир бошанд. [3, с.131].

Лозим ба ёдоварист, ки аз оғози соли 2000 аз сабаби ноустувории вазъият дар Ҷумҳурии Афғонистон, ки бо ҷумҳурии мо ҳамсарҳад аст, таваҷҷӯҳи САҲА ба Осиёи Марказӣ, ба хусус ба Тоҷикистон зиёд гардид. Зеро амалиётҳои бардавоми низомии ИМА ва кишварҳои ҳампаймонаш бар зидди режими толибон дар Афғонистон на танҳо хатари терроризм ва бунёдгароии исломиро дар минтақа кам нанамуданд, балки ба доман паҳн кардани он низ сабаб гардиданд. Аз ҷониби дигар дар ҳамин давра таваҷҷӯҳи кишварҳои аврупоӣ ба манобеъи энергетикии Осиёи Марказӣ афзуда буд. Аз ин рӯ ҳанӯз соли 2002 САҲА изҳор намуда буд, ки фаъолияти ин созмон ба таъмини бехатарии сиёсӣ ва рушди иқтисодии минтақаи Осиёи Марказӣ равона карда шудааст [4, с.178].

Қобили зикр аст, ки дар соли 2002 ҳамчун рамзи эътирофи дастовардҳои Тоҷикистон дар давраи баъди ҷангӣ шаҳрвандӣ давлатҳои узви САҲА мандати фаъолияти САҲА-ро дар Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода, ба мисли дигар кишварҳои минтақа Шӯрои доимии САҲА аз 31-уми октябри соли 2002 «Оид ба таҷдиди ташкили Намояндагии САҲА ба Маркази САҲА дар Тоҷикистон» қарор қабул намуд. Дар ин ҳуҷҷат тағйиротҳое пешбинӣ шуда буданд, ки онҳо барои муайян намудани диди нави стратегӣ ба фаъолияти Марказ, ки ҷавобгӯи воқеияти имрӯза бошад, имкон медоданд [5, с.339].

Ҳамин тавр Маркази САҲА дар соли 2008 ба яке аз созмонҳои калонтарин дар ҷумҳурӣ табдил ёфт, ки дар он 87 кормандони штатӣ, аз ҷумла 70 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон фаъолият менамуданд.

Бояд хотирнишон сохт, ки як қатор роҳбарони ин созмон, ба хусус Муншии Кулли он Ян Кубиш ҳукумати мамлакат муносибатҳои хуби ҳамкориро ба роҳ монда буд. Охирин аз шахсиятҳое буд, ки дар кори истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар кишвари мо саҳми беандоза дошт [6, с.124].

Мавсуф пас аз анҷоми маъмурияташ дар Тоҷикистон Дабири Кулли САҲА таъин гардида, дар ин мақоми олӣ низ ба рушди ҳамкории миёни давлатҳои узви САҲА бо Тоҷикистон корҳои зиёдеро ба сомон расонид. Дар ин давра муколамаи созанда миёни Тоҷикистон ва Бюрои САҲА оид ба ниҳодҳои демократӣ ва ҳуқуқи инсон ба роҳ монда шуда ва ҳангоми таҳияи як қатор қонунҳо, аз қабили Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихобот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» тавсияҳои ин созмони бонуфуз ба назар гирифта шуданд. Ин созмон инчунин интихоботи порлумонии соли 1999-ро пурра зери назорат қарор дода буд.

Бояд гуфт, ки масоили марбут ба чунин падидаҳои номатлуб ҷаҳони муосир, яъне терроризму экстремизм борҳо дар ҷаласаҳои сатҳи мухталифи САҲА мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифтаанд. Дар яке аз чунин ҷаласаҳои он, ки дар моҳҳои октябр ва декабри соли 2001 доир гардида буд вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров роҷеъ ба ин масъала суханронӣ намуда, аз иштирокдорон хост, ки барои мубориза бар зидди ин зуҳуроти номатлуб дастҷамъона фаъолият намоянд. [7, с. 90-97].

Лозим ба таъкид аст, ки таҷрибаи таърихии муносибатҳои мутақобилан судманди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо САҲА дар илми таърихшиносии кишвар аз диди таърихнигорӣ то ба имрӯз мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Дуруст аст, ки оид ба баъзе паҳлӯҳои ин масъала як қатор муҳаққиқони тоҷик, ба мисли С.И. Шарипов [8, с. 9-14], А.Н. Маҳмадов [9], И.К. Асадуллоев [10], Ҳ.М. Умаров [11], Т.Н. Назаров [12] ва Р.Р. Алиева [13, с. 101-126] ва ғайра изҳори ақида намудаанд. Аз ҷумла дар мақолаҳои худ Р.Р.Алиева пеш аз ҳама ҳамкориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо САҲА аз диди амниятию, ҳуқуқӣ ва гуманитарӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. [14, с.135-138]. Вай дар навиштаҳои худ хусусиятҳои асосии муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупоро ба риштаи таҳқиқ кашида, бештар ба нақши ин созмон дар ҳалли масъалаҳои Осиёи Марказӣ ва аз ҷумла Тоҷикистон таваҷҷӯҳ зоҳир намудааст.

Бояд хотирнишон сохт, ки оид ба мавзӯи мавриди таҳқиқ дар асару мақолаҳояш собиқ вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳамрохон Зарифӣ диққати махсус додааст. Вай, аз ҷумла дар асари худ «Тоҷикистон – САҲА: муколама ва ҳамкорӣ», ки ба понздаҳумин солгарди ҳамкориҳо бо ин созмон бахшида шуда буд, марҳилаҳои асосии рушди муносибатҳои Тоҷикистонро дар тӯли ин солҳо ба риштаи таҳлилу таҳқиқ кашида, бурду бохти онро дар асоси санадҳои мушаххас хеле хуб нишон додааст [15, с.352].

Масъалаҳои марбут ба муносибати мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро Ҳамрохон Зарифӣ дар кори диссертатсионии худ «Масъалаҳо ва дурнамои муносибати мутақобилаи САҲА ва Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи таъмини амнияти минтақавӣ» мавриди пажӯҳиш қарор додааст. Ӯ дар рисолаи худ муносибатҳои мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва САҲА-ро дар чаҳорчубаи масоили умумии марбут ба бехатарии минтақавӣ ба тариқи муфассал таҳлил намудааст. Вай дар боби дуюми рисола худ ин созмонро ҳамчун созмоне тавсиф намудааст, ки мекӯшад пешомадҳоеро, ки ба амнияту пойдории минтақа таҳдид мекунанд, пешгирӣ намояд. Аммо ба ақидаи муаллифи рисола масъалаи таҳкими марз ба Афғонистон ҳанӯз ҳам як масъалаи доғи рӯз боқӣ мемонад.

Масоили марбут ба соҳаи амнияти минтақавӣ дар рисолаи дигари Ҳ. Зарифӣ «Тоҷикистон дар низоми таъмини амнияти минтақавии САҲА» мавриди омӯзишу пажӯҳиш қарор дода шудаанд. Дар ин асар муаллиф пеш аз ҳама ба равобити мутақобилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо дар

низоми таъмини амнияти минтақавӣ бештар диққат додааст. Вай хатару таҳдидҳои замони муосирро ба хусус дар кишварҳои Шарқи Миёна ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ намуда, ӯ инчунин хатарҳои таҳдидкунанда ба Осиёи Марказиро дар садаи XXI муайян сохтааст, ки онҳо аз ин қароранд:

-хатарҳои алоқаманд бо масъалаҳои экстремизми (ифротгароии) динӣ, ҷудоихоҳӣ, миллатгароӣ ва терроризм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир;

- хатарҳои алоқаманд бо терроризми байналхалқӣ;

- нашъаҷаллобии пинҳонӣ, гардиши ғайриқонунии аслиҳа;

- вайроншавии муҳити зист [16, с. 18].

Бояд гуфт, ки масоили марбут ба падидаҳои номатлуби ҷаҳони муосир, яъне терроризму экстремизм борҳо дар ҷаласаҳои сатҳи мухталифи САҲА мавриди таҳлилу баррасӣ қарор мегиранд. Дар яке аз чунин ҷаласаҳои он, ки дар моҳҳои октябр ва декабри соли 2001 доир гардида буд, вазири корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон Т. Назаров роҷеъ ба ин масъала суханронӣ намуда, аз иштирокдорон хост, ки барои мубориза ба муқобили ин зуҳуроти номатлуб дастҷамъона фаъолият намоянд.

Зимнан бояд хотирнишон сохт, ки масъалаҳои муҳими амнияти дастаҷамъӣ ва муносибатҳои иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ ва глобалӣ инчунин дар асарҳои Т. Назаров мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. [17]. Дар суханронии ӯ «Тоҷикистон: ҳамкории иқтисодӣ ва бехатарӣ» [18] масоили марбут ба мушкилоти равобити иқтисоди Тоҷикистон ва роҳи ҳалли онҳо дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ изҳори ақида карда шудааст. Ин таҳқиқот, ки бо такя ба санаду сарчашмаҳои асл навишта шудааст, аз ин рӯ дорои аҳамияти калони илмист.

Самти дигари фаъолияти Маркази САҲА дар Тоҷикистон беш аз 10 сол расонидани ёрии башардӯстона, кӯмак ба кишоварзон, дастрас намудани доруворӣ, омӯзиши маърифати тиббӣ, тоза намудан ва сохтани иншоотҳои обрасонӣ, фароҳам намудани шароитҳои мусоиди санитарӣ ва ғайра иборат буд.

Қобили зикр аст, ки сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи амнияти минтақавӣ дар рисолаи илмии Насриддинов Далер «Сиёсати хориҷӣ дар қаринаи масъалаҳои амнияти минтақавии Осиёи Марказӣ» мавриди таҳлилу баррасии амиқ қарор дода шудааст [19]. Дар ин рисола вижагиҳои иштироки Тоҷикистон дар равандҳои интегратсионии фазои пасошӯравӣ ва байналхалқӣ дар доираи ҳамкорӣ бо САҲА нишон дода шудааст, ки он аз лиҳози хронологӣ солҳои 1991-2011, яъне давраи ташаккули сиёсати хориҷии кишварро дар бар мегирад.

Ба ин нукта бояд ишора кард, ки самти дигари ҳаётан муҳими САҲА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи ҳарбӣ мебошад. Бо ин мақсад дар соли 2003 дар доираи Форуми ҳамкорӣ дар соҳаи амният механизми махсуси ба давлатҳои аъзо расонидани кӯмак барои нобуд намудани аслиҳаҳои сабуки тирандоз ва муҳиммоти ҷангиро роҳандозӣ намуд. Дар ин замина аз рӯи маълумоти овардаи А.Н. Сатторов қариб 25 млн. метри мураббаъ замини Тоҷикистон, ба хусус дар манотиқи марзӣ бо Афғонистон аз минаҳои зидди қушунҳои пиёданизом поксозӣ карда шуданд [20, с. 99]. Муаллиф дар мақолаи худ инчунин ҷадвал ва диаграммаҳои майдонҳои миназорро дар Тоҷикистон нишон дода, қитъаҳои хатарнокро муайян ва талафоти инсониро низ зикр карда, навиштааст, ки дар 15 соли охир дар натиҷаи таркиши минаҳо 277 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон кушта ва 300 нафари дигар захмӣ шудаанд, ки зиёда аз 20%-и онҳоро кӯдакон ташкил медиҳанд.

Мушкилоти марбут ба амалисозии конвенсия оид ба манъи минаҳои зидди қӯшунҳои пиёданизом дар Тоҷикистон ва ҷанбаҳои иҷтимоию сиёсии он мавриди таҳлилу таҳқиқи амиқ қарор гирифтааст. Аз ҷумла, муаллифи рисола зикр менамояд, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз замоне ба Конвенсияи Оттава оид ба манъ, истифода, захиракунӣ, истеҳсол ва интиқоли минаҳои зидди қушунҳои пиёданизом ва нобудсозии онҳо дар соли 2003 ҳамроҳ гардид, ба безарар гардонидани минаҳо оғоз карда шуд. Аз рӯи маълумоти муаллиф бо ибтикори Маркази САҲА ва шарики он Фонди Шветсария оид ба безарар гардонидани минаҳо дар ҷумҳурӣ аз соли 2005 ба баъд ҳудуди 100 миназор ошкор ва масоҳати 635 000 метри мураббаъ аз мина тоза карда шуда, 34 тонна маводи тарканда, 26 ҳазор силоҳи оташфишон, аз қабили АК-47, АК-74 ва таппонча нобуд карда шудаанд.

Бояд ёдовар гардид, ки масоили марбут ба мушкилоти гендерӣ дар ҷумҳурӣ дар мақолаи М. Давлатова инъикоси худро ёфтааст. Ба навиштаи муаллиф Маркази САҲА аз соли 2004 ба баъд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барномаи гендериро роҳандозӣ намуда, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ дар ин самт тавсияҳо пешниҳод менамояд ва ба лоиҳаи «Дастгирии Марказҳои захиравии занон» ёрии молиявӣ мерасонад. Дар доираи барноми мазкур дар якчанд ноҳияҳои ҷумҳурӣ дар заминаи ташкилотҳои ҷамъиятии маҳаллӣ созмонҳои ғайридавлатии «Маърифат» (Хуросон), Маркази рушди «Ғарм» (Ғарм), «Бонувони Хатлон», «Занон зидди зӯроварӣ», «Меҳрубону» ташкил карда шуда ва САҲА ҳамасола барои таҳкими иқтидори онҳо кӯмаки молиявӣ менамояд [21, с.49].

Ба масоили марбут ба амнияти минтақавӣ дар Осиёи Марказӣ мақолаи В.М. Пряхин бахшида шудааст. Тибқи маълумотҳои ин мақола Тоҷикистон ба САҲА ташаббуси таъмини амнияти марзҳо ва низоми марзиро пешниҳод намуд, ки он пурра ба Консепсияи САҲА дар соҳаи амнияти марзҳо ва низоми марзӣ, ки дар рафти ШВКХ (СМИД) соли 2005 дар ш. Любляна (Ҷумҳурии Словения) қабул гардида буд, мувофиқат менамуд. Барои амалӣ намудани ташаббуси мазкур 27 майи соли 2009 дар ш. Душанбе Коллеҷи марзбонии САҲА созмон дода шуд, ки вазифаи асосии он баланд бардоштани савияи дониши кормандони хадамоти сарҳадӣ буд.[22, с. 7-25].

Ҳамин тавр омӯзиши масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки Тоҷикистон бо яке аз созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ равобити созандаро ба роҳ мондааст, ки онҳо фарогири масоили иҷтимоиву экологӣ, амниятӣ ва таъмини ҳуқуқи инсон мебошанд.

***Пайнавишт:***


1. *Махмадов А.Н., Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана. - Душанбе, 2009. -92 с.*
2. *Таджикистан-ОБСЕ// Дипломатия Таджикистана. - Душанбе: МИД РТ,2007.-№18, -324 с.*
3. *Зарифи, Хамрохон. Многовекторная дипломатия Таджикистана (Статьи, интервью, выступления, хроника визитов и встреч) - Душанбе: Издательство ООО «Офсет», 2009. - 352 с.*
4. *Саидзода З. Основные тенденции внешней политики на рубеже столетий (1992-2004 г.г.) – Душанбе: Авасто,2009. -417 с.*
5. *Саидов З., Сабуров А. Таджикистан на рубеже тысячелетий: реализация националь-ных интересов на международной арене / -Душанбе:Деваштич, 2005. - 430 с.*

6. *Саидов З.Внешняя политика Таджикистана в условиях глобализации. – Душанбе: Авасто,2004.С.-124, -590 с.*
7. *Рахмонов Э. Тысяча лет в одну жизнь./ Сборник выступлений, речей, интервью и статей. – Душанбе: Ирфон, 2003. -520 с.*
8. *Шарипов С.И. Новая система международных отношений и внешняя политика Таджикистана// Таджикистан и современный мир. - Душанбе,2011.-№2.-С.9-14;*
9. *Маҳмадов А.Н. Точикистон дар масири истиклолият.- Душанбе, 2000. -110 с.*
10. *Асадуллаев И.К. Национальный интерес Таджикистана.- Душанбе,2009. -92 с.*
11. *Умаров Х.У. Глобализация и внешнеэкономические связи Таджикистана.- Душанбе,2005.-210 с.*
12. *Назаров Т.Н. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность. - Минск, 2003.-315 с.*
13. *Алиева Р.Р. Сотрудничество с ОБСЕ как фактор стабильности и безопасности Центральной Азии//Ученые записки ХГУ. Серия общественных наук.- Худжанд, 2009.- №2 (18). -С.101-126.*
14. *Сотрудничество РТ с ОБСЕ:/ Сборник статей профессорско-преподавательского состава.- Худжанд: Хуросон, 2006.- №8.-С.135-138.*
15. *Зарифи, Х. Таджикистан - ОБСЕ: диалог сотрудничества. - Душанбе: Ирфон,2009. – 352 с.*
16. *Зарифи Х. Таджикистан в системе обеспечения региональной безопасностиОБСЕ.- Душанбе:Ирфон,2011. – 456 с.*
17. *Назаров Т. Таджикистан: экономический рост, интеграция и региональное сотрудничество. -Душанбе: УИ МИД РТ,2004; -283 с. Каюмов Н.К., Умаров Х.У. Глобализация экономики и внешнеэкономические связи Таджикистана. -Душанбе: Деваштич,2005. -192 с.*
18. *Назаров Т. Таджикистан: экономическое сотрудничество и безопасность: /Сб.статей и выступл. -Душанбе, 2011. – С.28-31.*
19. *Насретдинов Д. Внешняя политика в контексте проблем региональной безопасности Центральной Азии: дис… канд.ист.наук: 07.00.15/Насретдинов Далер Искандарович -М., 2013. -163 с.*
20. *Сатторов А.Н. Сотрудничество Министерства обороны Республики Таджикистан и ОБСЕ по гуманитарному разминированию в Республике Таджикистан. -Душанбе, 2010. - С.99.*
21. *Давлатова М. Выход из ситуации или ресурсные центры// Окно в мир. - Душанбе - 2007.-№7,8.-492 с.*
22. *Пряхин В.М. Сотрудничество РТ с ОБСЕ в области региональной безопасности: Формирование системы коллективной безопасности государств Центральной Азии в формате региональных союзов: Мат. респ. научн. теорет.конф. – Душанбе, 17 октября 2008. – Душанбе: РТСУ, 2009.- С.7-25.*

***Reference Literature:***

1. *Makhmadov A.N., Asadullayev I.K. National Interest of Tajikistan. – Dushanbe, 2009. – p. 43; - 92 pp.*
2. *Tajikistan – OSCE // Diplomacy of Tajikistan. – Dushanbe. TR Ministry of foreign affairs – 2007, # 18. - 324.*

3. *Zarifi Khamrokhon/ Multivektor Diplomacy of Tajikistan (articles, interviews, speeches,chronicles of meetings and visits). – Dushanbe: Publishing – House of «Offset» Assoc. Ltd. 2009*
4. *Saidzoda Z. Principal Tendencies of Foreign Policy at the Juncture of Centuries (1992-2004) – Dushanbe: Avasto, 2009. – 417p.*
5. *Saidov Z., Saburov A. Tajikistan at the Junction of Millennia: Realization of National Interests on International Arena. – Dushanbe: Devashtich, 2005. – 430 pp.*
6. *Saidov Z. Foreign Policy of Tajikistan under Globalization Conditions. – Dushanbe: Avasto, 2004. – 590 pp.*
7. *Rahmonov E. Thousand Years as one Life: Collection of speeches, interviews and articles. - Dushanbe: Irfon 2003. – 520 p.*
8. *Sharipov S.I. The New System of International Relations and Foreign Policy of Tajikistan // Tajikistan and Contemporary World. – Dushanbe, 2011, #2. – pp. 9 – 14.*
9. *Makhmadov A.N. Tajikistan Following the Course of Independence. – Dushanbe, 2000. – 110 pp.*
10. *Asadullayev I.K. National Interest of Tajikistan. – Dushanbe-2009. – 92 pp.*
11. *Umarov U.Kh. Globalization and Outward Economy Ties of Tajikistan. – Dushanbe-2005. – 210 pp.*
12. *Nazarov T.N. Tajikistan. Economy Cooperation and Security. – Minsk-2003. – 315 pp.*
13. *Aliyeva R.R. Cooperation with OSCE as a Factor of Stability and Security in Central Asia // Scientific Notes of KhSU. Series of Social Sciences. – Khujand, 2009, #2 (18). – pp. 101 – 126.*
14. *Cooperation of the Rebuplic of Tajikistan with OSCE. Collection of articles of the pedagogical staff. – Khujand: Khuroson, 2006, No 8. pp. 135-138*
15. *Zarifi H. Tajikistan – OSCE: Dialogue of Collaboration. – Dushanbe, Cognition, 2009, - 352pp.*
16. *Zarifi H. Tajikistan in the System of OSCE Regional Security Insurance. – Dushanbe: Irfon, 2011. – 452pp.*
17. *Nazarov T. Tajikistan: Economy Growth, Integration and Regional Cooperation. – Dushanbe: Managerial Office of Integration under TR Ministry of Foreign Affairs. – 283pp.; Kayumov N.K., Umarov Kh.I. Globalization of Economy and Outward Economy Ties of Tajikistan. – Dushanbe, Devashtich, 2005. – 192pp.*
18. *Nazarov T. Tajikistan: Economic Cooperation and Security. Collection of articles and speeches. – Dushanbe, 2011.- 28-31/*
19. *Nasretdinov Daler Iskandarovich. Foreign Policy in the Context of Problems Concerned with Regional Security of Central Asia. Candidate dissertation in history – 07.00.15. – M., 2013. – 163pp.*
20. *Sattorov A.N. Copperation between the Ministry of Defence of Tajikistan Republic and OSCE in Humanitarian Mine Cleaning in the Republic of Tajikistan. – Dushanbe, 2010. – p.99.*
21. *Davlatova Maryam. Wayout of the Situation or Resource Centers // The Window into the World. – Dushanbe, 2007, No.No 7,8. –p. 492.*
22. *Pryakhin V.M. Cooperation of TR with OSCE in the Real of Regional Security. Formation of Collective Security System of Central Asia States in the Format of Regional Alliances. Materials of the republican scientific-theoretical conference. – Dushanbe, 2008, October 17 // Russian-Tajik Slavonic University (RTSU). – Dushanbe, 2009. pp. 7-25.*